# Ман марде будам, ки аз ман бисёр мазӣ хориҷ мешуд ва ба далели ҷойгоҳи духтари Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) (чун Алӣ домоди Паёмбар буд) шарм мекардам, ки дар ин бора аз эшон бипурсам. Пас Миқдод ибни Асвадро амр кардам, ки аз эшон суол кунад. Пас фармуданд: "Олати худро мешӯяд ва таҳорат мекунад

Аз Алӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Ман марде будам, ки аз ман бисёр мазӣ хориҷ мешуд ва ба далели ҷойгоҳи духтари Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) (чун Алӣ домоди Паёмбар буд) шарм мекардам, ки дар ин бора аз эшон бипурсам. Пас Миқдод ибни Асвадро амр кардам, ки аз эшон суол кунад. Пас фармуданд: "Олати худро мешӯяд ва таҳорат мекунад" Ва назди Бухорӣ омадааст, ки: " Таҳорат бикун ва олати худро бишӯй."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Алӣ ибни Абутолиб (разияллоҳу анҳу) хабар медиҳад, ки аз ӯ мазӣ бисёр хориҷ мешуд, (мазӣ оби тунук, шаффоф ва часпакест, ки ҳангоми шаҳват ё пеш аз алоқаи ҷинсӣ аз инсон берун меояд) ва намедонист, ки вақте мазӣ мебарояд, бояд чӣ кор кунад. Ӯ аз ин ки худаш аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бипурсад, шарм кард, зеро ӯ шавҳари Фотима духтари Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) буд. Бинобар ин аз Миқдод ибни Асвад хоҳиш кард, ки аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ин бора бипурсад. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) чунин посух доданд, ки олати худро бишӯяд, сипас таҳорат кунад.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee